«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент________________ Асрорзода У.С.
«20» ____марти_____ соли 2020

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар, кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба диссертатсияи Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯи ихтисоси 08.00.14 – иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ки ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон *(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)* пешниҳод шудааст.**

**1. Муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамкории худро бо созмонҳои гуногуни байналмилалӣ ва минтақавӣ ба роҳ мондааст, ки дар байни онҳо мавқеи махсусро созмонҳои молиявӣ ишғол менамоянд. Бинобар ин, имрӯзҳо зарурияти объективӣ ба дарку омӯзиши чунин ҳамкориҳо, бо таҳлили тағйироту оқибатҳои онҳо ба иқтисодиёти миллӣ ва мукаммалгардонии механизми он пайдо шудааст. Ин дар навбати худ зарурати омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо созмонҳои байналмилалӣ тақозо менамояд.

Илова бар ин дар шароити муосир иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаклҳои гуногуни муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, махсусан дар шароити таъсиси гуруҳҳои нави ҳамгирой, ҷаҳонишавии ҳаёти хоҷагидорӣ ва иштирок дар созмонҳои байналмилалӣ яке аз мавзуъҳои мубрам ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дарки механизми танзими ташаккул ва танзими ин раванд барои ҳар як давлат дар замони муосир хело масъалаи муҳим аст.

Рушди ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ равандҳои иштироки давлат дар тақсимоти байналмилалии меҳнат

ва баромадан ба бозори ҷаҳониро фаъол гардонида, на танҳо дар рушди муносибатҳои савдои хориҷии давлат таъсир мерасонад, балки паҳлуҳои гуногуни инкишофи дохилии иқтисодиёти миллиро фарогир аст. Ин раванд барои давлат имкониятҳои нав фароҳам оварда, шароитҳои муфиди ҷалби сармояи хориҷиро аз манбаъҳои гуногун ба иқтисодиёти мамлакат ва ҳифзи манфиатҳои миллиро дар арсаи байналмилалӣ эҳё менамояд. Ҳамаи ин муҳиммияти мавзӯи таҳқиқотиро муайян менамояд.

**2. Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Ҳадафи асосии таҳқиқот, ки яке аз нахустин мавзуъҳои мустақили ба анҷомрасонидашуда мебошад, аз таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методӣ, инчунин баҳогузории сатҳу сифати ҳамкориҳо аз рӯи самтҳо ва такмилдиҳии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБММ, таҳияи пешниҳодҳо оид ба устуворгардонии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СБММ ва самаранокии истифодаи захираҳои молиявии онҳо дар таъмини рушди иқтисоди миллӣ иборат мебошад.

Объекти таҳқиқот самтҳои ҳамкории мутақобилаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва мукаммалгардонии механизми ҳамкориҳо бо ин созмонҳо ба ҳисоб меравад.

Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳо ва равишҳои усулҳои маърифати илмӣ ташкил медиҳад. Таҳқиқот ба истифодаи маҷмӯи усулҳои умумии илмӣ аз қабили усулҳои таҳлили муқоисавӣ, усулҳои тафриқавӣ ва баҳогузории экспертӣ, усули математикию иқтисодӣ, усули таҳлилию қиёсӣ, ҷадвалӣ ва ҳамчунин усулҳои махсус асос ёфтааст.

Ҳалли вазифаҳои гузошташудаи назариявӣ, методӣ ва амалӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти диссертатсионии иҷрошуда сатҳи кофии дараҷаи илмиро дорост. Муқаррароти асосии диссертатсия аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои илмию амалии сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ва маҷаллаҳои тақризшаванда дарҷ гардидаанд.

## 3. Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ

Диссертатсияи Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дар худ таҳқиқоти мустақилонаи масъала, гузориши мақсад ва вазифаҳои муайянро ифода менамояд. Сохтори диссертатсияи мазкур аз рӯи таркиби худ мантиқан дуруст ташаккул дода шудааст. Диссертатсия дар ҳаҷми 217 саҳифаи чопи компютерӣ навишта шуда, аз сарсухан, се боб ва хулоса иборат аст. Дар кори диссерататсионӣ 31 ҷадвал, 9 расм ҷой дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 188 номгӯйро ташкил дода, дар рафти навиштани рисолаи илмӣ бо иқтибос инъикос карда шудаанд.

Дар боби I "Заминаҳо ва асосҳои шарикии давлатҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ" заминаҳои таърихӣ, иқтисодӣ, назариявӣ, консептуалӣ ва ҳуқуқии ташкилнамоии созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ ва зарурати ташкили ҳамкории давлатҳо бо онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, ҳамзамон таҳаввулоти ташаккулёбии созмонҳо инъикос гардидааст (саҳ. 18-59).

Дар боби II "Таҳлили самаранокии ҳамкории молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ" бошад, таҳлили тарҷеъӣ (ретроспективӣ) ва вазъи кунунии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ (СБММ) гузаронида шуда, динамикаи вориди маблағҳо дар татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраҳои гуногун баҳогузорӣ шудаанд. (саҳ 60-136).

Дар боби III "Дурнамои тавсеаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ" номгузорӣ шуда, дар он заминаҳои стратегии тақвияти ҳамкории Тоҷикистон бо СБММ, мукаммалагардонии усулҳо ва механизмҳои ҳамкории самараноки молиявӣ бо СБММ ва инчунин, муаммоҳои таъмини рушди иқтисоди миллӣ дар асоси шартҳои интихоб ва татбиқи лоиҳаҳо таҳлил гардидаанд (саҳ. 137-181).

Дар хулоса натиҷаҳои илмии бадастомада ва пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф нишон дода шудаанд (саҳ. 142-149).

## 4. Навгониҳои илмии диссертатсия

Ба ҳимоя натиҷаҳои зерини назариявию методологӣ, методӣ ва амалии диссертатсия, ки дорои навгониҳои илмӣ мебошанд, пешниҳод мешавад:

1. асосҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалии истифодаи мақсадноки маблағҳои қарзии СБММ ва дигар давлатҳои қарздиҳанда ба давлатҳои кӯмакгирандаи (ретсипиенти) ҷаҳон омӯхта шуда, тарафҳои мусбати ҳамкорӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст;

2. дар асоси таҳлили тарҷеъӣ ва муосири фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ (СБММ) бори аввал гурӯҳбандии давраҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБММ бо назардошти истифодаи механизмҳои истифодашуда гузаронида шуда аст;

3. маълум карда шуд, ки мавқеъи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ ҳамчун давлати кӯмакгиранда боқӣ мондааст ва минбаъд бояд ба давлати татбиққунандаи масоили иқтисодӣ дар қабули қарорҳои идоракунӣ дар СБММ мақоми муайян пайдо намояд;

4. механизми мукаммалгардонии ҳамкории мутақобилан судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБММ пешниҳод карда шудааст, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии ҷумҳурӣ ва ҳалли масъалаҳои рушди иқтисоди миллӣ бо роҳи истифодаи самараноки маблағҳои қарзӣ аз сарчашмаҳои хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам меорад;

5. ошкор карда шуд, ки ташкили низоми марказонидашудаи назорати давлатии гардиши маблағҳо, дастрасии комил ба маълумоти дақиқи оморӣ оид ба татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, мониторинги электронии давлатии истифодаи маблағҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти созмонҳоро муназзам карда, ташкили механизми нави ҳамкорӣ бо роҳи ворид кардани маблағҳо ба буҷети давлатӣ ё бо роҳи ташкили институтҳои

давлатии худмухтори танзимкунандаи ин чараёнҳо (бонкҳои давлатӣ, фондҳои давлатӣ) афзалиятнок ба шумор меравад.

6. бо истифода аз методҳои иқтисодӣ – математикӣ модели дурнамои истифодаи маблағҳои интиқолии муҳоҷирони меҳнатӣ дар баробари маблағҳои СБММ ва давлатҳои қарздиҳанда нисбат ба ММД коркард шудааст. Модел нишон додааст, ки истифодаи самараноки маблағҳои интиқолӣ метавонад афзоиши бемайлони ММД-ро таъмин намуда, ба рушди устувори иқтисодӣ мусоидат намояд ва вобастагиро аз маблағҳои СБММ кам намояд.

**5. Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ**

Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомадаро хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда ҳангоми таҳия ва амалисозии барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддати ҳамкории молиявию иқтисодии молияи давлатӣ истифода шуда метавонанд. Илова бар ин, натиҷаҳои диссертатсияро ҳамчун маводи таълимӣ дар раванди машғулиятҳо аз фанҳои иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ истифода кардан мумкин аст.

**6. Эродҳои умумӣ ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия**

Новобаста аз он ки пурра ҷанбаҳои мусбати кори тақризшавандаро зикр намудем, баъзе камбудиҳои алоҳидаи онро низ қайд кардан лозим аст, ба монанди:

1. Дар зербоби 1.2. мавқеи муаллиф оид ба баъзе назарияҳои консептуалии ташкили ҳамкории самарабахши давлатҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ, аз қабили назарияи “такони бузург” (с.38), сиёсати духура (с.42) ба таври мушаххас баён карда нашудааст. Илова бар ин мавқеи муаллиф оид ба роҳҳои кам кардани вобастагии давлат аз молияи беруна дар параграфи мазкур пурра инъикос наёфтааст.

2. Дар боби 2 диққати махсус ба таҳлили сохтории қарзи берунӣ ва кумаки хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст. Дар баробари ин, аз тарафи муаллиф таҳлили самаранокӣ ва истифодаи мақсадноки захираҳои

молиявии аз хориҷа ҷалбгардида гузаронида нашудааст, ки минбаъд бояд дар мадди аввал гузошта шавад.

3. Дар ҷадвали 3.3.4. “Қимматҳои пешгӯишавандаи ММД” оварда шудааст. Дар боробари ин аз тарафи муаллиф пешгӯии тағйирёбии таносубияти қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД дар солҳои минбаъда асоснок карда нашудааст. Ҳамчунин, зарурати ҷалби қарзҳои иловагӣ дар оянда аз ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ вобаста ба амалисозии сратегияи саноатикунонии босуръати кишвар оварда нашудааст.

4. Дар диссертатсия масъалаҳои таъмини амнияти молиявии кишвар вобаста ба зиёд шудани дараҷаи ҳамкориҳои давлат бо ташкилотҳои молиявӣ ба дараҷаи назаррас баррасӣ гардидаанд ва аз ҷониби муаллифи рисолаи илмӣ асосноккунии ҳамаҷонибаро талаб менамоянд;

5. Дар диссертатсия мутаассифона, иқтибос аз баъзе олимони ватанӣ (махсусан: Ҷабборов Ф.А., Ҷурабоев Ғ., Ҳасанов М.), ки дар мавзӯи мазкур кори таҳқиқотӣ ба анҷом расонидаанд оварда нашудааст.

6. Таркиби кор дорои баъзе ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ аст.

Таъкид кардан зарур аст, ки норасоиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, дараҷаи мусбати илмии диссертатсияро паст намекунанд.

**7. Мувофиқати диссертатсия ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ.**

Дар маҷмуъ бояд қайд кард, ки кори диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилонаи анҷомёфта мебошад, ки навоварии илмӣ ва аҳамияти амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Автореферат ва мақолаҳои нашркардаи муаллиф таркиби асосии кори диссертатсиониро фаро гирифта, натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун дастоварди нави илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва чорабиниҳои илмии сатҳҳои гуногун ба чоп расонида шудаанд.

Умуман, кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ» анҷомёфта буда, аз рӯи

натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои Низомномаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016 сол, таҳти №505 тасдиқ шудааст.

Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.14 – иқтисоди ҷаҳонӣ дода шавад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат муҳокима ва тасдиқ карда шудааст *(суратҷаласаи №7 аз 28.02.2020с.).*

**Раиси маҷлис,**
дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва
муносибатҳои байналмилалии
ДССХ, н.и.и., дотсент Султонзода Ҷ.У.

Котиби ҷаласа,
н.и.и., дотсент Каримова Т.Ҳ.

*Лоиҳаи тақризро таҳия кард:*
мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон
ва муносибатҳои байналмилалии ДДСС,
н.и.и., дотсент Ҷумъаев Б.М.

Имзои Султонзода Ҷ.У., Каримова Т.Ҳ. Ҷумъаев Б.М. ва Норов Х.Ғ. - ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДССХ Вазиров М.К.

**Маълумот барои тамос ва суроғаи муассисаи тақриздиҳанда:** Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.
**Тел:** (+992 37) 234-88-00
**http:** // www.dsx.tj, **e-mail:** dsx._ips@mail.ru